**ХУЛОСАИ**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Парвандаи аттестатсионии №18
қарори шурои диссертатсионӣ аз 1.06.2024. Протоколи №18

Барои сазовор донистани Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ)).

Диссертатсияи Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович дар мавзуи «Методикаи истифодаи робитаи байнифаннии физика бо биология барои рушди донишҳои хонандагон дар зинаи дуюми таҳсилоти миёнаи умумӣ», дар шакли дасхат аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ)) дар ҳукми дастнавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба ҳимояи якдаъфаина аз 27.03.2024, суратмаҷлиси №2 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67) ба ҳимояи якдафъаина қабул карда шуд. (Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ташкили ҳимояи якдаъфаина, №6/ҲЯ аз 5-уми марти 2024).

Мавзуи кори диссертатсионии Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” 29.10.2019 №3 тасдиқ шудааст. Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраҳои физикаи умумӣ ва методикаи таълими физика МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ба ҳимоя тавсия гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович 8-уми феврали соли 1974 дар деҳаи Хушдилони ноҳияи Данғара вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Ӯ соли 1991 мактаби миёнаи №7-и шаҳри Бохтарро хатм намуда, пас аз хатми мактаби миёна соли 1991 ба Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи (Т.Г.Шевченко) ҳозира С.Айнӣ ба факултети математика ихтисоси математика дохил шуда, соли 1998 хатм намуд.

Фаъолияти кории худро дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз соли 2016 оғоз намудааст.

Дар давоми фаъолияти омӯзгории худ, ӯ аз соли 2016 ин ҷониб зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Холназаров Санг дар мавзуи «Методикаи истифодаи робитаи байнифаннии физика бо биология барои рушди донишҳои хонандагон дар зинаи дуюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» тадқиқоти илмӣ-тахассусии бурда, рисолаи номзадии худро ҷамбаст намуд.

Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович дар давоми фаъолияти педагогӣ ва тадқиқотии худ 11 мақола ба нашр расонидааст, 9-тои он бевосита дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва 2-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводи конференсияҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Дар таърихи 22-юми июни соли 2022 дар ҷаласаи васеи кафедраҳои физикаи умумӣ ва методикаи таълими физикаи ДДБ ба номи Н.Хусрав, муҳокимаи пешакии рисолаи номзадии Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович доир гардид.

Ҷаласаи васеи кафедраҳои номбурда, қарор қабул кард, ки диссертатсияи Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович дар мавзуи «Методикаи истифодаи робитаи байнифаннии физика бо биология барои рушди донишҳои хонандагон дар зинаи дуюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ)) ба ҳимояи кушод пешниҳод карда шавад. Суратҷаласаи №1 аз 22-юми июни соли 2022.

**Тақризи муассисаи-пешбар** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович бо имзои раиси ҷаласа мудири кафедраи методикаи таълими физика, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент Истамов Фарҳод Хоҷамқулович экспертон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Насимова Ҷавҳарбӣ Бароталиевна, номзади илмҳои физикаю математика Аловуддинов А.Ҷ., котиби ҷаласа Одинаева С.Э. дар ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими физика муҳокима карда шуда бо имзои ректори донишгоҳ профессор Насрддинзода Э.С. аз 29-уми апрели 2024 протоколи №8 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ - назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

Мазмуни диссертатсияро мусбат арзёби намуда, дар баробари он муассисаи пешбар баъзе камбудиҳои онро низ зикр кардааст, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажӯҳишоти оянда хоҳад буд:

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки ба забони давлатӣ (тоҷикӣ) ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта,

мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯ, ки фарогири 11 ададанд, пурра инъикос мекунанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович дар мавзуи «Методикаи истифодаи робитаи байнифаннии физика бо биология барои рушди донишҳои хонандагон дар зинаи дуюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» тадқиқоти илмӣ - тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷми корҳои тадқиқотии ба анҷом расида, арзиши назарӣ ва амалии хулосаҳои илмӣ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ)) мебошад.

Рисолаи номзадӣ тадқиқотҳои илмии ба анҷом расидаро, ки муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланд иҷро намудааст, баён менамояд.

Хулосаҳое, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқот дарёфт кардааст ба қадри кифоя асоснок карда шудааст.

Ба шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович ворид шудаанд.

**Тақризҳо ба автореферат:**

1. **Зувайдуллозода Файзулло Зикир** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилоти Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон
2. **Умаров Умар Сулаймонович** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ
3. **Туйчиев Абдуҷаббор Ашӯрович** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионии МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ Ибни Сино
4. **Набиев Ҷурабек Ғаниевич** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи физика ва география Донишгоҳи давлатии Данғара

Ҳамаи муққаризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ)), сазовор мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», се боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:


[1-М]. ***Абдуллоев С.Р.*** Баъзе андешаҳо оиди буҳрони маориф дар кишварҳои ҷаҳон ва рушди салоҳиятҳои таҳсили хонандагон [Матн] / С.Р. Абдуллоев, С. Холназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №3. – С. 242-247. – ISSN 2074-1847.

[2-М]. ***Абдуллоев С.Р.*** Натиҷаҳои метафаннии рушди азхудкунии барномаи асосии таҳсилот дар дарсҳои физика [Матн] / С.Р. Абдуллоев, С. Холназаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2019. – №1-4(80). – С. 100-103. – ISSN 2663-5534.

[3-М]. ***Абдуллоев С.Р.*** Нақши фанни физика дар раванди ноилшавӣ ба натиҷаҳои метафаннӣ [Матн] / С.Р. Абдуллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2020. – №1-2(74). – С. 132-136. – ISSN 2663-5534.

[4-М]. ***Абдуллоев С.Р.*** Сарварии наврасон дар заминаи дастовардҳои шахсӣ ва таълими физика [Матн] / С.Р. Абдуллоев, С. Холназаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2020. – №1/1(71). – С. 101-106. – ISSN 2663-5534

[5-М]. ***Абдуллоев С.Р.*** Роҳҳо ва воситаҳои истифодаи маводи тамоюли касбидошта дар машғулиятҳои маърӯзавӣ [Матн] / С.Р. Абдуллоев, С. Холназаров, М.М. Раҳимов, С.Р. Табаров, С.Р. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №3. – С. 239-245. – ISSN 2074-1847.

[6-М]. ***Абдуллоев С.Р.*** Ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилонаи илмӣ-таҳқиқотӣ аз фанни физика аз тарафи донишҷӯёни ихтисоси биология [Матн] / С.Р. Абдуллоев, С. Холназаров, М.М. Раҳимов, С.Р. Табаров, С.Р. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №5. – С. 243-250. – ISSN 2074-1847.

[7-М]. ***Абдуллоев С.Р.*** Семантикаи метафаннии объектҳои таҳсилотӣ ва таълими физика [Матн] / С.Р. Абдуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №2. – С. 287-293. – ISSN 2074-1847.

[8-М]. ***Абдуллоев С.Р.*** Асосҳои методии натиҷаи озмоишӣ ва таҳлили натиҷаҳои дидактикии озмоиши педагогӣ [Матн] / С.Р. Абдуллоев // Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2021. – №1/3(89). – С. 1142-147. – ISSN 2663-5534.

[9-М]. *Абдуллоев С. Р.* Хосиятҳои электрикӣ, электрнокшавӣ ва таъсири байниҳамдигарии ҷисмҳо [Матн] / С.Р. Абдуллоев // Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2023. – №1/1(107). – С. 210-222. – ISSN 2663-5534.

**б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

[10-М]. **Абдуллоев С.Р.** Истифодаи интеграл дар ҳалли масъалаҳои физикӣ [Матн] / **С.Р. Абдуллоев.** Ҳ.Х Ойматова, Э. Алимардонов, М.Т. Турғунбоев, / Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои истифодаи технологияи инноватсионӣ дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ» бахшида ба татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияҳои информатсионӣ.– Душанбе. - 2018. – С. 85-87.

[11-М]. **Абдуллоев С.Р.** Таъсири ҷозибавии мадд ва ҷазр [Матн] / **С.Р. Абдуллоев.** Қ. Муҳаммадали., М.Т. Турғунбоев, / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик» бахшида ба 1050 – солагии мутафаккири бузарг.– Бохтар. - 2023. – С. 153-157.

***Мубрамии мавзуи таҳқиқот.*** Дар давраи ҳозираи рушди ҷамъият ба вазифаҳои таълим ва тарбияи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ талаботи нав пешниҳод карда мешавад. Аз ҷумла, яке аз роҳҳои самараноки такмил додани таҳсилот дар асоси талаботи ҳозира амалӣ гардонидани робитаи байнифаннӣ дар ҷараёни таълиму тарбия мебошад. Ин ба воситаи дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ намудани тамоюли интегратсия ва ҳамбастагии илмҳо имконпазир мегардад.

Системаи ҳозираи таълиму тарбия дар Тоҷикистон давраи гузаришро аз сар мегузаронад. Дар чунин шароит тайёрии босифати хонандагонро бо истифодаи муносибати пурраи бисёрҷанба ба таълим, ки ҳар як фанни таълимӣ ба он на танҳо ҳисса мегузорад, балки он яке аз қисматҳои система дар сохтори умумии таълим мебошад, таъмин кардан лозим аст. Яке аз вазифаҳои муҳимми таълим дар муассисаҳои таълимӣ аз ташаккул додани фаҳмиши ҳолати табиӣ-илмии олам дар хонандагон, ки барои фаҳмонидани ҳодисаҳои табиат, системаи тафаккур, маҳорати дида тавонистани он ки донистани ҳар як фанни таълимӣ, ин як қисмати системаи умумии донишҳои табиатшиносӣ аст, иборат мебошад.

Дар назди омӯзгор вазифа меистад, ки хонандагонро бо методҳои илмии омӯзиши ҳодисаҳои табиат ва фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ шинос намояд. Яъне, муносибати навъи таълимӣ дар омӯзгорон ва хонандагон ба «муносибати босалоҳият» тамоюл дорад. Муносибати мазкур робитаи зичи ҳамаи фанҳои таълимӣ, аз он ҷумла физика ва биологияро (ҳамчун фанҳои табиатшиносӣ) тақозо дорад. Омӯзгор бояд ба хонандагон хусусият ва амиқияти робитаи тарафҳои

гуногуни объективии оламро, ки дар фанҳои таълимӣ, махсусан табиатшиносӣ инъикоси худро меёбад, кушода диҳад.

Барои ҳалли ин проблема дар раванди таълими физикаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд аз робитаи байнифаннӣ васеъ истифода карда шавад.

***Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.*** Дар бораи дараҷаи азхудшавии масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот вобаста ба зарурати робитаи байнифаннӣ барои инъикоси ҳолати олам, ташаккули системаи донишҳо дар бораи табиат дар замони худ А. Дистерверг «Таърихи маориф ва афкори педагогӣ: ҷадвалҳо, диаграммаҳо, маълумотномаҳо» (2003), Я.А. Коменский «Очеркҳои педагогӣ» (1955), И.Г. Песталотси «Назарияи педагогика» (1769), К.Д. Ушинский «Инсон ҳамчун объекти тарбия: ҷилди 2» (1869) фикрҳои ҷолиб баён карда буданд.

Проблемаи робитаи байнифаннӣ дар корҳои А.Н. Герасимова «Амалигардонии робитаи физика, биология ва тарбияи меҳнатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии деҳот» (1966), М.Я. Голобаротко «Робитаи байнифанӣ дар фаъолияти хонандагон (дар ҷанбаи методҳои умумии дарк)» (1992), А.А. Зиновиев «Дар хонандагон ташаккул додани маҳорати мушоҳида ва мустақилона гузоштани таҷриба дар курси физикаи синфҳои 7-8, дар асоси робитаи байнифании химия ва биология» (1988), В.П. Золотов «Робитаи байнифании физика бо биология» (1978), А.В. Усова «Робитаи байнифаннӣ дар таълими асосҳои илм дар мактаб» (1995), В.Н. Федорова «Робитаи байнифаннии фанҳои табиатшиносӣ ва математикӣ» (1980) инъикос ёфтааст. Ба проблемаи робитаи байнифаннӣ дар раванди таълим таҳқиқоти психологҳо В.Г. Ананев «Заминаи назариявӣ ва таҷрибаи назарияи шахсият» (1924), Н.А. Менчинский «Масъалаҳои методика ва психологияи таълими арифметика дар синфҳои ибтидоӣ» (1965), Е.Н. Кабанова «Ҳамбастагии фанҳои таълимӣ» (1852) ва дигарон бахшида шудааст. То як андоза ин масъала дар корҳои диссертатсионӣ оид ба методикаи таълими физикаи В.Р. Илченко «Чорроҳаи физика, химия ва биология: дастур барои донишҷӯён» (1986), Ю.С. Сарева «Методикаи таълим» (1962) ва дигарон инъикоси худро ёфтааст.

Дар байни фанҳои табиатшиносӣ робитаи физика ва биология барои баланд бардоштани сатҳи илмии таълим ба қисматҳои асосии раванди таълим, ба методҳои таълим, ки омӯзгорон истифода мебаранд, корҳои мустақилонаи хонандагон нақши калон дорад. Инъикоси робитаи онҳо дар мазмуни маводи таълимии физика бо биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар намуди робитаи байнифаннӣ яке аз шароитҳои аз тарафи хонандагон дарк намудани робитаи табиати зинда ва ғайризинда мебошад.

Дар таҳқиқоти худ олимони ватанӣ Ҳ. Маҷидов «Методикаи ташаккул додани мафҳумҳои механика дар синфи VII-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2020), М.

Лутфуллозода «Педагогикаи Аҷам» (2020), Н. Нугмонов «Асосҳои методии моделсозии математикии масъалаҳои таълимӣ воситаи инкишофи малака ва маҳорати касбии донишҷӯёни ихтисоси математика дар мактабҳои олӣ» (2020), Ҷ. Шарифзода «Асосҳои педагогии ташаккули малакаи кори мустақилонаи хонандагон дар таълими фанни физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (2020), А.Ш. Комилӣ «Методикаи истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълими фанни физика» (2019), М.С. Шодиён «Методикаи истифодаи маводи таърихӣ дар ҷараёни таълими математика дар донишгоҳҳои тамоюли омӯзгорӣ» (2018), С. Холназаров «Методикаи ташаккули муносибати тамоюли касбии муаллимониояндаи биология дар раванди таълими физика» (2019), Д.С. Шерматов «Санҷиши педагогӣ ҳамчун методи объективии арзёбии сифати дониши довталабон аз физика» (2020), А.Э. Сатторов «Асосҳои методии ташаккули маҳорати эҷодӣ-техникии хонандагони синфҳои болоӣ дар таълими физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (2019) доир ба масъалаи робитаи байнифаннӣ фикрҳои ҷолиб баён намудаанд.

Корҳои иҷронамуда ва таҳлили таҳқиқот оид ба робитаи байнифаннии физика бо биология нишон медиҳад, ки корҳои мақсаднок барои аз тарафи омӯзгорони физика амалӣ гардонидани робитаи байнифаннии физика бо биология нокифоя мебошад. Омӯзгорон бояд маводи таълимие, ки барои кушодани моҳияти ҳодисаҳои физикавӣ ва биологӣ, умумияти як қатор қонунҳои физикӣ, табиати зинда ва ғайризинда, инчунин хусусияти хоси ошкор шудани онҳо дар равандҳои биологӣ, умумияти методҳои илмии таҳқиқотӣ маводи лозимиро дошта бошанд. Вале таҳқиқоти мавзуъҳои ин маводи фанҳои сикли табиатшиносӣ барои истифода намудани маводи биологӣ дар ҷараёни мақсадноки ташаккули мафҳумҳои мураккаби физика метавонад барои рушд, васеъ ва мушаххас намудан, кушодани нақши онҳо дар омӯзиши ҳодисаҳои табиати зинда хеле арзишнок баланд, инчунин робитаи байнифаннии физика ва биология дар ҳалли проблемаи муҳимми ҷамъияти ҳозира ёрии калон расонида метавонад.

Барои хонандагон дар зинаи аввали омӯзиши физика коркарди маводи методӣ оид ба таври систематикӣ ба амал баровардани робитаи байнифаннии физика бо биология бисёр кам мебошад.

Ҳамин тариқ, номутаносибӣ дар байни талаботи иҷтимоии ҷамъият дар хусуси он ки омӯзгорон бояд барои ба таври систематикӣ истифода намудани робитаи байнифаннӣ дар ҷараёни таълиму тарбия бо коркардҳои методӣ таъмин бошанд ва ба масъалаи мазкур наздик намудани коркарди методӣ ҷой дорад.

Зарурати ҳал намудани чунин номувофиқатиҳо мубрамияти таҳқиқотро муайян менамояд. Мо чунин мешуморем, ки ба таври систематикӣ истифода намудани робитаи байнифаннии физика ва биология дар ҷараёни таълиму тарбия ба сифати донишу маҳорати

хонандагон таъсири мусбат расонида метавонад, чунин коркардҳои методӣ лозим мебошанд.

Ҳолатҳои нишон додашуда, сабаби интихоби мавзуи таҳқиқот «Методикаи истифодаи робитаи байнифаннии физика бо биология барои рушди донишҳои хонандагон дар зинаи дуюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» гардид.

***Фарзияи таҳқиқот.*** Ба сифати фарзияи ибтидоии илмии таҳқикот муқаррароте пешниҳод карда шуд, ки дар ҳолати ба таври илмӣ асоснок кардан ва оқилона омӯхтани асосҳои назариявии масъалаи робитаи байнифаннии физика бо биология, амалӣ гардондани он дар зинаи дуюми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коркарди системаи методии амалӣ намудани робитаи байнифаннии физика бо биология, ба таври систематикӣ истифода намудани робитаи байнифаннии физика ва биология дар ҷараёни таълиму тарбия ба сифати донишу маҳорати хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот*** дар бобати асосноккунии пешниҳоди илмии ҳалли масъалаҳои мубрами раванди таълиму тарбия, аз ҷумла истифодаи робитаи байнифаннии физика бо биология дар ҷараёни таълиму тарбия, ки ба сифати донишу маҳорати хонандагон таъсири мусбат мерасонад, аз қисмҳои зерин иборат мебошад:

– аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани мақсаднокӣ ва зарурати бефосила аз рӯйи нақшаи амалӣ намудани робитаи байнифаннии физика ва биология;
– коркарди методикаи амалӣ намудани робитаи байнифаннии физика ва биология дар зинаи аввали омӯзиши физика;
– дар муайян кардани асосҳои мазмунӣ ва фаъолнокшавии фаъоли робитаи байнифаннии физика бо биология ва аниқ намудани мафҳуми донишҳои байнифаннӣ.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот:*** усулҳои самараноки истифода намудани робитаи байнифаннии физика бо биология дар зинаи аввали омӯзиши физика коркард шуд; исбот карда шуд, ки мақсаднок истифода бурдани робитаи байнифаннии физика бо биология дар раванди таълими физика бо биология дар зинаи дуюми таҳсилоти миёна мувофиқи мақсад аст.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот:*** коркарди методикаи амалӣ гардонидани робитаи байнифаннии физика бо биология ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои алоҳидаи курси физика дар зинаи дуюми

таҳсилоти миёна; муайян намудани воситаҳо ва робитаи байнифаннии физика ва биология дар ҷараёни омӯзиши физика дар синфҳои 7-9; муайян намудани нақши мусбати робитаи байнифании физика ва биология дар азхуд намудани донишҳои байнифаннӣ ва қонуниятҳои умумии табиати зинда ва ғайризинда; коркарди тавсияҳои методии асоснок барои омӯзгорон оид ба татбиқи амалии робитаи байнифанннии физика бо биология.

***Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.*** Натиҷаҳои диссертатсионӣ амалан дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот (солҳои 2016-2022) гузаронида шудааст. Муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраҳои методикаи таълими физика ва конференсияҳои илмии ҳарсолаи дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима карда шудааст. Дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ «Проблемаҳои истифодаи технологияи инноватсионӣ дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ», (Душанбе, 2020) ба нашр расонида шудаанд.

***Интишори натиҷаҳои диссертатсия.*** Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 11 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 9-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 2-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо, аз ҷумла маводи конференсияҳои илмӣ бачопрасида ташкил додаанд.

***Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.*** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», се боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 184 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори матнии Microsoft Word ҳарфчинишуда иборат буда, 18 расму диаграмма ва 27 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар се боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 189 номгӯй мебошад.

***Саҳми шахсии довталабро*** шароитҳои муносибати фардӣ-эҷодӣ, методологӣ, назоратӣ, мушоҳида, муқоисаи маълумот дар синфҳои

озмоишӣ ва назоратӣ бaамаломада, иштироки бевосита ба сифати роҳбари гурӯҳи омӯзгорон дар корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасдиқ мекунанд.

Диссертатсияи Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович муқаррар намудаи бандҳои «Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ» нисбати диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ 1.06.2024, протоколи №18, дар бораи сазовор донистани Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул кард.

Дар овоздиҳии пинҳонии шурои диссертатсионӣ барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина, ки ҳайати он аз 16 нафар иборат буд, иштирок доштанд 13 нафар, аз ҷумла 4 нафар докторони илм, аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, ки ба ҳайати шуро дохил мешаванду дар ҷаласа иштирок доштанд, чунин овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, зид - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ** **Ойматова Ҳ.Х.**

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС